## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-096 назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (АИКТ) ба диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзӯи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ

Кори диссертатсионии Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзӯи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт» муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии ба анҷом расида ба ҳисоб меравад. Таҳқиқоти илмӣ инчунин аҳамияти соҳавӣ дошта, бо мақсади омӯзиши хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт, бахри истифодабарии онҳо дар истеҳсолот ва селексия равона карда шудааст.

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Картошкапарварӣ яке аз соҳаи асосии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ, зиёд намудани имкониятҳои содиротии мамлакат ва бо кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ дар деҳот ва ноҳияҳо, мавқеи муайянро ишғол менамояд. Пешрафти ояндаи картошкапарварӣ дар ҷумҳурӣ тавассути ба даст овардани навъҳои серҳосили картошка ва ташкил намудани системаи илман асосноки тухмипарварӣ он дар минтақаҳои кӯҳӣ вобастагии зич дорад. Бинобар ин омӯзиши масъалаҳои таъсири омилҳои агроэкологии минтақаи куҳӣ ва мутобиққунии навъҳои нави картошка, ки иқтидори баланди маҳсулнокӣ доранд, дар шароити куҳии мавзеъи Лахши минтақаи Рашт аҳамияти калони илмӣ ва амалӣ дорад.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Бори аввал дар шароити кӯҳии мавзеи Лахши водии Рашт омӯзиши хусусиятҳои биологӣ, агроэкологӣ, селексионӣ ва мутобиқгардонии навъҳои нави интродуксионии картошка ба шароити номусоиди табиӣ дар радифи тағйирёбии глобалии иқлим омухта шуда, дар асоси омӯзиши ҳамаҷониба самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои нави картошка дар минтақа муайян карда шуд.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот.** Аҳамияти таҳқиқотҳои илмӣ дар он аст, ки дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ оид ба хусусиятҳои биологӣ ва селексионии навъҳои интродуксионии картошка донишҳои нав ба даст оварда, аз натиҷаи

омӯзишҳо ба истеҳсолот пешниҳод намудани навъҳои ояндадори дорои ҳосили баланд ва хушсифати картошка мебошад.

Аҳамияти илмию амалии таҳқиқотҳо дар он таҷассум меёбад, ки аз ҳисоби навъҳои интихобгардидаи интродуксионии картошка, ки дорои ҳосилнокии баланд ва сифати молии хуб мебошанд, майдони кишти онҳо дар водии Рашт зиёд карда шаванд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар омода намудан ва интихоби дурусти мавзӯи таҳқиқотӣ аз ҷумла асосноккунии назариявӣ ва амалии самти интихобшуда ва усулҳои таҳқиқот, ташкилу гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ ва озмоишгоҳӣ, апробатсия ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот, таҳлилу коркарди оморӣ ва тадбиқи натиҷаҳои бадаст омада иборат мебошад. Ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот ва нашри мақолаҳо дар якҷоягӣ бо роҳбари илмӣ анҷом дода шуда, инчунин таҳияи умумии диссертатсия ва автореферати он аслияти матни диссертатсияро инъикос менамояд. Иштироки бевоситаи муаллиф ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳои илмӣ ба 82 % баробар мебошад.

**Интишорот аз руйи мавзӯи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 9 мақола дар маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявии илмиву назариявии АИКТ ба чоп расиданд, ки мазмуну мундариҷа ва муҳтавои асосии таҳқиқоти мазкурро дар бар мегиранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Корҳои илмию таҳқиқотӣ, истифода бурдани усулҳои таҳлили натиҷаҳои илмии ба даст овардашуда ва муайян намудани самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои картошка тибқи методикаи гузаронидани таҷрибаҳои саҳроии Б.А. Доспехов [1985] ба роҳ монда шуда, муайян намудани сатҳи сироятёбии навъҳои картошка аз касалиҳо аз рӯйи методикаи М.В. Бордукова [1967] гузаронида шудааст.

Мақола ва рисолаю китобҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ, ки ба омӯзиши масъалаҳои нашъунамо ва инкишофи навъҳои гуногуни картошка вобаста ба генотип ва шароити парвариши онҳо нигаронида шудаанд, асоси методологӣ ва назариявии таҷрибаҳо буданд.

Асоснокии натиҷаи таҳқиқот аз рӯйи таҳлили дисперсионӣ [Доспехов, 1985] санҷида шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзӯъ ва мазмуни кори диссартатсионии Акрамов Абдуҳалим Холович аз рӯйи

шиносномаи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ, инчунин ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаи илмӣ дода мешавад ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.10.2022 фармоиши №237/шд, ҳуқуқи қабули диссертасияҳоро барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат мекунад.

Кори диссертатсионии Акрамов Абдуҳалим Холович дар мазӯи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт» дар асоси талаботҳои Низомномаи КОА-и назди Президенти Чумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

Ташхиси аввалияи диссертатсия дар шуъбаи селексия ва тухмипарварии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон гузаронида шуда, натиҷаи он дар ҷаласаи Шурои олимон муҳокима гардидааст (протоколи №4 аз 09.04.2025).

Дар хулосаи мазкур кори диссертатсионӣ мусбат арзёбӣ гардида, баҳои объективӣ дода шудааст.

Кори диссертатсионӣ дар 150 саҳифаи матни компютерӣ дарҷ гардида, аз муқаддима, 6 боб, хулоса, тавсия ба истифодаи амалии натиҷаҳо, 16 замима ва рӯйхати адабиёти истифодагардида иборат аст. Кор бо 30 ҷадвал 19 расм ва 22 диаграммаҳо ороиш дода шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодагардида 170, аз он чумла 8 адабиёти хориҷиро дар бар мегирад

Кори диссертасионӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои пайдарҳамӣ ва натиҷаи нави илмии ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 62-63-и Низомномаи Шурои диссертасионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидаст, пешниҳод менамояд.

Кори диссартатсионии Акрамов Абдуҳалим Холович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ ба Шурои диссартатсионии 6D.КОА-096-и назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

Комисияи экспертӣ диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холовичро дар мавзӯи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01. 05.-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ баррасӣ намуда дар

асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267)

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холовичро дар мавзӯи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01. 05.- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ таҳқиқотиашон ба ихтисоси 06.01.05- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мувофиқат дорад, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

**Алиев Қ.А.** -доктори илмҳои биологӣ, профессор, мудири озмоишгоҳи биологияи молекулавӣ ва биотехнологияи Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ;

**Саидов Фахриддин Муминович** - номзади илмҳои кишоварзӣ, муаллими калони кафедраи агротехнологияи Донишгоҳи давлатии Данғара;

3. **Ба сифати муассисаи пешбар** - Пажуҳишгоҳи илмӣ таҳқиқотии биотехнологияи назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва Комисияи олиии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Санаи ҳимоя 14 октябри соли 2025, соати $14^{00}$ муқаррар карда шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои кишоварзӣ, Партоев Қ

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои биологӣ, Абдураҳмонов Н.А.

номзади илмҳои кишоварзӣ Баротов Ф.М.

16.07.2025